# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Абдулзода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Тухфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)**

Арзишмандтарин сарчашма дар тасвири марҳалаҳои гуногуни таърихии ҳар як халқу миллат осори хаттӣ, бавижа осори хаттии ҳамон давраи таърихӣ ва ё наздик ба он маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, доир ба таърихи асрҳои XVIII-XIX минтақаи Осиёи Миёна, махсусан доир ба таърихи тоҷикон теъдоди ниҳоят зиёди манобеи хаттии дасти аввал мавҷуданд, ки баъзе аз онҳо ҳанӯз дар замони шӯравӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта, ба шаклҳои гуногун чоп ҳам шуданд. Аммо як қатор сарчашмаҳое низ ҳастанд, ки то имрӯз бо сабабҳои гуногун мавриди таҳқиқу баррасии илмию интиқодӣ қарор нагирифтаанд. Имрӯз, дар шароити мусоиди соҳибистиқлолӣ ва дар заминаи нигоҳи нав ба таърихи миллат зарурияти бештари таҳқиқу омӯзиш, ба чоп расонидани манобеи гуногуни хаттӣ ва ба гардиши илмӣ баровардани онҳо ба миён омадааст. Зеро бо ин роҳ мо метавонем ахбори гаронбаҳо аз таърих, иқтисод, одоту фарҳанги халқи тоҷик ва дигар сокинони минтақаро барои пажуҳишгарон бештар дастрас намоем.

Сарчашмаҳои хаттии таърихӣ, пеш аз ҳама аз он нуқтаи назар ҷолиби таваҷҷуҳанд, ки онҳо новобаста аз сифат ва арзиши худ моро аз кадом як воқеаи ношинохтае огоҳ месозанд ё аз ҳодисаи мушаххас ва муайян хабари тозае медиҳанд. Яке аз чунин рисолаҳои таърихӣ асари "Тухфаи шоҳӣ"-и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонист, ки аз манобеи арзишманди даврони ҳукумати хонадони манғит дар аморати Бухоро мебошад. Аз он ҷо, ки муаллифи ин рисола худ муддати тӯлонӣ дар хидмати амир Музаффар (1860-1885) буд ва вазифаи воқеанигори расмии сипоҳи Бухороро ба зимма дошт, шоҳиди бевоситаи бисёре аз вақоеи даврони ҳукумати ин амир, амсоли ҷангҳои ӯ бо мулкҳову ҳокимони дохила, империяи подшоҳии Россия маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ин асар

доир ба замони ҳукмронии амирони манғити аморати Бухоро иттилооти муҳим ва пурарзишеро ба муҳаққиқон дода, аз манобеи хаттии дасти аввал ба шумор меравад. Маҳз бо назардошти ҳамин арзишҳо таҳқиқу омӯзиши илмию интиқодии он ҳамчун манобеи муҳимми таърихи асри XIX халқи тоҷик дар доираи рисолаи номзадӣ аз ҷониби унвонҷӯ Абдулзода Зиёдулло Назар мавриди интихоб қарор гирифт. Ба замми он унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқ ин осори муҳимро бозгардон намуда, бо шарҳу илова ва таъликоти зарурӣ бо ҳуруфи кириллӣ чоп намуд.

Унвонҷӯ дар раванди омӯзиш ва таҳқиқу ташхиси сарчашмаи мазкур, пеш аз ҳама ба масоили рӯзгор, аҳвол ва осору таълифоти Мирзо Абдулазими Сомӣ, мазмун ва мундариҷаи «Туҳфаи шоҳӣ», сатҳ ва дараҷаи воқеии инъикоси таърихи сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дувуми асри XVIII ва асри XIX, лашкаркашии амирони манғит ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя, пахш ва саркӯб намудани ошӯбу исёнҳои дохилӣ ва муқобилият ба вуруди қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳии рус ба Осиёи Миёна бештар таваҷҷуҳ намудааст. Яке аз нуктаҳои муҳимми таҳқиқоти унвонҷӯ дар он зоҳир меёбад, ки маълумоти овардаи Мирзо Абдулазими Сомиро бо дигар сарчашмаҳои ҳамзамонаш ва таҳқиқоти муҳаққиқони таърихи ин марҳала қиёс намуда, дараҷаи воқеияти ахбори манзурнамудаи муаллифро муайян намудааст. Дар ин росто, ӯ бештар ба чунин сарчашмаҳои хаттӣ, ба мисли “Тазкираи Муқимхонӣ”-и Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, “Убайдуллоҳнома”-и Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ, “Тоҷу-т-таворих”-и Муҳаммад Шариф ибни Муҳаммад Нақӣ, “Кашкули Салимӣ”-и Мирзо Салимбек ибни Муҳаммад Раҳим, “Таърихи Шоҳрухӣ”-и Ниёз Муҳаммади Хуқандӣ, ”Таърихи амирони манғити Бухоро”-и Олимхоҷа Мирзо Сайидхоҷа мушрифи Бухороӣ, “Таърих”-и Мирзо Муҳаммадшариф Садр ибн Абдушукур, “Мунтахаб-ут-таворих”-и Муҳаммад, Ҳакимхон, “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”-и Аҳмад Махдуми Дониш ва дигар манобеъ муроҷиат намудааст.

Рисолаи илмии унвонҷӯ аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда мураттаб ёфтааст.

Дар муқаддима, сабаб ва омилҳои асосии интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмии он, дараҷаи омӯзиш ва заминаҳои манбаъшиносии мавзуъ баррасӣ шуда, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ососнок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Дар бобҳои алоҳидаи рисола унвонҷӯ Абдулзода З.Н. рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомиро дар заминаи сарчашмаҳои мавҷуда таҳлил намуда, баррасии илмӣ-интиқодии муҳтаво ва мазмуни “Туҳфаи шоҳӣ”-ро анҷом додааст. Унвонҷӯ инчунин дар такя ба маълумоти Сомӣ дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII баррасӣ намуда, таърихи лашкаркашии амирони манғит ба хориҷи аморати Бухорои охири асри XYIII-нимаи аввали асри XIX-ро таҳқиқ кардааст. Гузашта аз ин, дар рисола бо такя ба маълумоти Сомӣ вазъи аморати Бухоро дар замони ҳукумати амир Музаффар, таърихи истилои ҳукумати подшоҳии рус ва вуруди қувваҳои ҳарбии он ба Осиёи Миёна инъикос гардида, арзиши илмии “Туҳфаи шоҳӣ”-и Сомӣ ҳамчун сарчашмаи дасти аввали таърихӣ муқаррар шудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори аввал рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ ба шакли комил, дар заминаи таълифоти худи муаллиф ва қиёси он бо дигар сарчашмаву таҳқиқот мавриди таҳқиқ қарор гирифта, нусхаҳои дастхати “Туҳфаи шоҳӣ”, макони нигаҳдошт ва замони китобати онҳо, нашри дастхат ва муқобалаи он бо нусхаҳои мавҷуда таҳлили ҳаматарафа гардида, инчунин бори нахуст маълумоти дар “Туҳфаи шоҳӣ” овардаи Сомӣ доир ба авзои сиёсӣ ва низоми идории Хуросон ва Мовароуннаҳри асри XYIII-нимаи аввали асри XIX ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шуда,

дараҷаи арзишмандии он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ муайян карда шудааст.

Дастоварди муҳимми унвонҷӯ аз он иборат аст, ки бори нахуст асари “Туҳфаи шоҳӣ”-и Мирзо Абдулазими Сомиро ҳамчун манбаи дасти аввал мавриди таҳқиқи сарчашмашиносӣ қарор додааст.

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши таърихи асри XYIII-нимаи аввали асри XIX, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Хуросон, Мовароуннаҳр ва аморати Бухорои давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчунин барои навиштани энсклопедияҳо ва китобҳое, ки дар он чеҳраҳои мондагори илми таърихнигорӣ муаррифӣ мешаванд, истифода кард. Тавсия ва пешниҳоди муаллифро метавон ҷиҳати рушди илми таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии миллӣ васеъ истифода намуд.

Хулосаҳои назариявии муаллиф, муқаррарот, натиҷаҳои илмӣ-назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия барои омӯзиши таърихи асрҳои XYIII – XIX-и халқи тоҷик аҳаммияти илмӣ-амалӣ доранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд. Мазмун ва муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар мақолаву маърӯзаҳои унвонҷӯ, аз ҷумла дар 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Абдуллозода Зиёдулло Назар дар мавзӯи «Тухфаи шоҳӣ»-и Мирзо Абдулазими Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати

вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

**Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои таърих,**
**профессор, директори Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон** **Убайдулло Н. К.**

**Имзоро тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК** **Файзуллоева Г.**

15.11.2022